# ВАРАҚАИ ИТТИЛООТӢ

## Озмуни "Кори худро шурӯъ кун ва ривоҷ деҳ"

Хоруғ, __октябри соли 2015

Моҳи марти соли 2015, бо дастгирии Иттиҳоди Аврупо Муассисаи ҳамкориҳои байналмилалии Ассотсиатсияи таълими калонсолони Олмон (DVV International) як лоиҳаи нави 3-соларо бо номи «Тавсеаи ваколатҳои ҷавонон оид ба рушди устувор ва тағйирот" оғоз намуд, ки он дар доираи барномаи "Ширкат дар сулҳофаринӣ"-и Иттиҳоди Аврупо амалӣ карда мешавад. Лоиҳаи мазкур аз тарафи Иттиҳоди Аврупо (494 096 евро=80%) ва Вазорати федералии Олмон оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд (130 904 евро=20%), маблағгузорӣ мешавад. Фаъолияти лоиҳа 7 ноҳияҳои ВМКБ ва маркази он- шаҳри Хоруғро дар бар мегирад.

Дар чорчӯбаи иҷроиши Лоиҳа ТҶ «Мадина», дар ҳамкорӣ бо DVV International миёни ҷавонони Бадахшон озмуни "Кори худро шурӯъ кун ва ривоҷ деҳ"-ро эълон мекунад. Мақсади ин озмун- беҳтар намудани вазъи иқтисодии ҷавонон тавассути рушди соҳибкорӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ мебошад. Мақсади мазкур тавассути омӯзиш ва машварат аз ҷониби коршиносони маҳаллӣ ба намояндагони корхонаҳои хурду миёна муайян намудани идеяҳои нави соҳибкорони ҷавон, ки рақобатпазиранд ва таъмини татбиқи онҳо тавассути грантҳои хурд ба нақша гирифта шудааст. Озмун 1 сентябри соли 2015 оғоз шуда, то 20 декабри соли 2015 идома меёбад.

Озмун дар бахшҳои зерин гузаронида мешавад:

- Истеҳсоли молу мавод
- Хизматрасонӣ
- Косибӣ/ ҳунарҳои мардумӣ
- Кишоварзӣ/зироаткорӣ
- Хизматрасонии таълимӣ (омӯзиш)
-

Даври аввали озмун аз қабули лоиҳаҳо ва бизнес-планҳо иборат буда, то 20-уми декабри соли 2015 давом мекунад. Лоиҳаҳои иштирокчиён аз тарафи ҳайати коршиносон дида баромада мешаванд ва нимфиналистҳо муайян карда мешаванд. Сипас ҳайати коршиносон ба ноҳияҳо сафар карда, бо муаллифон воҳӯриву мусоҳибаҳо баргузор мекунанд. Маросими ниҳоии эълони ғолибон, ва супоридани гранту ҷоизаҳо моҳҳои апрел ва октябри 2016 дар Хоруғ баргузор мегардад.

ТҶ «Мадина» ҷавонони ташаббускори ВМКБ-ро барои иштирок дар ин озмун, ки нақши ҷавононро дар рушди устувор ва тағйиротҳои мусбӣ пурзӯр мекунад, даъват менамояд. Барои иштирок дар озмун бо мушовирони зерин дар ноҳияҳои ВМКБ ва ё бо мушовири хатти доимии телефон дар назди ТҶ «Мадина» тамос гирифтан зарур аст:

| | |
|---|---|
| **Шуғнон:** Фаросатшоева Фируза тел: 93444 78 78 | **Дарвоз:** Ашуралиев Давлаталӣ 93 176 90 90 |
| **Рушон:** Раҳимбеков Виҷдон 93 410 03 04; | **Мурғоб:** Каниев Нозимхон 93 500 9905 |
| **Рошткалъа:** Кинотов Мақсуд 93 433 48 84;<br>Довутов Фарид 50126 66 08 | **Ванҷ:** Мирова Фарида 93 730 9313;<br>Маҷнунов Дустмамад 93 897 04 04 |
| **Ишкошим:** Асадуллоев Шаъбон  900 500 181 | |

**Маълумоти бештарро дар суроғаи зерин дастрас кардан мумкин аст:**

Зарина Халикова, Директори дафтари намояндагии DVV International дар Тоҷикистон
Почтаи электронӣ khalikova@dvv-international.tj; Тел .: (+992 37) 2240619, ё 2240620

| | | |
|---|---|---|
| Иҷрокунандаи лоиҳа:<br>vhs DVV International<br>DVV International<br>Муассисаи ҳамкориҳои байналмилалии Ассотсиатсияи таълими калонсолони Олмон,<br>Дафтари минтақавӣ дар Тоҷикистон.<br>**Суроға:** 734003, Ҷумхурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к Лоик Шералӣ # 3,<br>**Тел.:** (+992 37) 224 06 19, 224 06 20<br>**Сомона**: www.dvv-international.tj | *Лоиҳа аз тарафи Иттиҳо-ди Аврупо маблағгузорӣ карда мешавад.*<br>**Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**<br>734013 Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,<br>к. Адҳамов, хонаи 74<br>тел: (+992 37) 221 74 07, 227 10 24<br>Факс: (+992 37) 221 43 21<br>Delegation-Tajikistan-Pic@eeas.europa.eu<br>http://eeas.europa.eu/delegations/tajikistan/index_tg.htm | Иттиҳоди Аврупо аз 28 мамолики узв иборат аст, ки онон қарор доданд тадриҷан дониш, захира, ва тақдири хешро пайванданд. Ҳамроҳ таи 50 соли васеъшавӣ онҳо минтақаи устувор, демократӣ ва рушти бардавомро бунёд намуда, ҳамзамон гуногунияти фарҳангӣ, арзи таҳаммул ва кафолати озодии шахсиро нигоҳ доштанд. Иттиҳоди Аврупо омода аст муваффақиятҳо ва арзишҳояшро бо мамолик ва қавмиятҳои берун аз сарҳадоти хеш бо ҳам бубинад. Аз ин лиҳоз, Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон аз соли 1992 инҷониб фаъолият бурда, ҳамасола барои рушти мамлакат тақрибан 25 млн. евро фароҳам менамояд. |